# 8 Аркон ва воҷиботу суннатҳои Умра



## Муҳтавиёт

Аркони Умра
Воҷиботи Умра
Суннатҳои Умра

### Огоҳиҳо

1. Касе, ки рукне аз аркони Умраро тарк кард, нусуки ӯ ба итмом намерасад, то замоне, ки онро анҷом надиҳад.
2. Касе, ки воҷибе аз воҷиботи Умраро тарк кард, бар вай хун аст, (яъне забҳ гӯсфанде ва ё мушорикат дар ҳафтум ҳиссаи гов ва ё ҳафтум ҳиссаи шутур).
3. Касе, ки суннате аз суннатҳои Умраро тарк кард, бар ӯ чизе нест ва умрааш дуруст аст.

## Аркони Умра

1. Эҳром намудан: ба далели фармудаи Набии акрам (с): ((Аъмол вобаста ба ниятҳояш аст ва барои ҳар касест, он чӣ ният кардааст)).[1]
2. Саъй миёи Сафо ва Марва: Ба далели фармудани Набии акрам (с): ((Саъй кунед, зеро, ки Аллоҳи мутаъол саъйро бар шумо фарз гардонидааст))[2].


Эҳром



3. Таввоф кардан: Ба далели фармудаи Аллоҳи мутаъол: (Ба Байти Атиқ бояд тавоф кунанд) (Ҳаҷ 29).



(1) Ба ривояти Бухорӣ.
(2) Ба ривояти Аҳмад.



www.fiqhitajiki.com

## Воҷиботи Умра

1. Эҳром бастан аз миқот: Ба далели фармудаи Набии Акрам (с) пас аз ин, ки миқотҳоро ёд карданд, фармуданд: ((Ин миқотҳо барои ҳамон мардумон аст ва низ барои касе, ки аз он ҷо бигзарад, агар ҷӣ аз мардуми онҷо набошад, вале иродаи Ҳаҷ ва Умра карда бошад)). [1]
2. Тарошидани муйсар ва кӯтоҳ кардани он: Ба далели фармудаи Аллоҳи мутаъол: (Ҳатман ба Масҷиди Ҳаром ба хости Аллоҳ бо амн ворид мешавед, дар ҳоле, ки муйсарҳоятонро тарошида ва кӯтоҳ кардаед). (Фатҳ 27).

## Суннатҳои Умра

Ғайр аз аркону воҷибот, боқии аъмол суннат аст, аз ин қарор:

1. Ғусл кардан ҳангоми эҳром бастан.
2. Эҳром бастан бо ду порчаи сафед, яке изор дигаре ридо аст.
3. Лабайк гуфтан ва бо садои баланд.
4. Изтибоъ: Дар тавоф, ридоро дар зери бағали рост бигзаронад, тавре, ки шонааш бараҳна бошад.

## Огоҳиҳо:

1. Касе, ки рукне аз аркони Умраро тарк кард, нусуки ӯ ба итмом намерасад, то замоне, ки онро анҷом надиҳад.
2. Касе, ки воҷибе аз воҷиботи Умраро тарк кард, бар вай хун аст, (яъне забҳ гӯсфанде ва ё мушорикат дар ҳафтум ҳиссаи гов ва ё ҳафтум ҳиссаи шутур).
3. Касе, ки суннате аз суннатҳои Умраро тарк кард, бар ӯ чизе нест ва умрааш дуруст аст.



Эҳром



Тарошидан ва кӯтоҳ кардан



Ғусл кардан

(1) **Ба ривояти Бухорӣ.**

www.fiqhtajiki.com